**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
25 ноябри соли 2025, таҳти №102

Бораи сазовор донистани Айюбзода Азим Шокир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи: «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждpoints; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар таърихи 16 сентябри соли 2025 суратмаҷлиси №93 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Айюбзода Азим Шокир 15-уми марти соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос» бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Гузашта аз ин, мавсуф аз соли 2023 ҳамчун муовини сармуҳаррири моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-и факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2021, №01-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 20 декабри соли 2024, №505-05 хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 20 майи соли 2025, №54 ба унвонҷӯ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур 28 майи соли 2025, №10 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонализода Нурулло Шамсулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Ахророович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз Раупова Манзура Турсуновна, – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академия Олимзода Д.А. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И. имзо шуда, аз тарафи Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагоги дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 27 октябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии

муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон дода, асоснокӣ ва мубарамияти онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 1 воситаи таълимӣ, 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Ҷураев, А.Ш. Хусусиятҳои шартномаи фурӯши бинои истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №2 (34). – С. 134-140; ISSN 2307-5198.

2. Ҷураев, А.Ш. Хариду фурӯши ҳисса ба манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 88-95; ISSN 2307-5198.

3. Ҷураев, А.Ш. Шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1 (33). – С. 165-181. ISSN 2414-9217.

4. Каримзода, Ш., Ҷураев, А.Ш. Ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / Ш. Каримзода, А.Ш. Ҷураев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 1 (37). – С. 231-244. ISSN 2414-9217.

5. Қурбонализода Н.Ш., Айюбзода А.Ш. Баъзе масъалаҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, А.Ш. Айюбзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2025. – №2 (50). – С. 106-115; ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

6. Ҷураев, А.Ш. Ҳуқуқ ба манзил – яке аз ҳуқуқҳои асосӣ-мадании шаҳрванд [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 223-231.

7. Ҷураев, А.Ш. Асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба манзил ва танзими мушаххаси он он дар қонунгузории маданӣ ва манзил [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ахбори суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. – С. 41-47.

8. Ҷураев, А.Ш. Мафҳум ва аломатҳои манзили истиқоматӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 411-417.

9. Ҷураев, А.Ш. Хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Кодекси мадании нав: масъалаҳои назариявӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (16 июни соли 2023) /. – Душанбе: 2024. – С. 170-182.

10. Ҷураев, А.Ш. Шакли шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶТ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 243-251.

**III. Воситаи таълимӣ:**

11. Ҷураев, А.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1 (дар нақшаҳо). Воситаи таълимӣ [Матн] / А.Ш. Ҷураев // Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: ҶДММ “НУШБОД”, 2021.– 168с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Саидов Ҳ.М., Ғаюрзода Б.Ш.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маҳмадшозода Ф.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кор;

Абдуллозода Ё.М.– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассиси Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Бобоҷонзода И.Ҳ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,;

Абдураҳимзода С.Қ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Масалан, муаллиф пешиниҳод

менамояд, ки бо мақсади бартараф намудани иштибоҳи мафҳумҳо дар матни Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз банди 3 моддаи 4 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «манзил» хориҷ карда шуда, дар тамоми матни Кодекс мафҳуми «хонаи истиқоматӣ» бо ҷои «манзил» истифода бурда шавад (с. 13). Ин масъала бевосита дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар робита ба ин масъала муаллифро зарур аст, ки нуктаи назари худро баён намояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти мукаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили мукаммали як қатор масъалаҳои муҳимми дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши нахустини илмӣ дар ин соҳа маҳсуб мешавад. Пешниҳодҳое ироа мегарданд, ки барои такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар гирифтани воқеиятҳои муосир ва талаботи муомилотии маданӣ равона шудаанд;

– **муайян карда шуд:** манзили истиқоматӣ яке аз роиҷтарин объетҳои молу мулки ғайриманқул дар муомилоти рӯзмараи ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки риояи қонунгузорӣ ва шарҳои шартномаи хариду фурӯши он муҳим арзёбӣ шуда, танзими самараноку дурусти ҳуқуқии мадании шартномаи мазкур барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо зурур мебошад;

– **пешниҳод шудааст:** Манзили истиқоматӣ як қисми алоҳида ва инфиродии объекти сохтмони асосӣ (бино ё иншоот) мебошад, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ, техникӣ ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ буда, бо инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ таъмин аст, танҳо барои истиқомати доимии шахсони воқеӣ пешбинӣ шуда, дорои нишонаҳои мувофиқ барои зиндагии бехатару шоиста мебошад, ки дар амалӣ шудани ҳуқуқи конститутсионии инсон ба манзил ва дигар ҳуқуқҳои марбут ба ҳаёти шахсӣ мусоидат менамояд;

– **исбот шудааст:** як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, пешниҳодҳои илмиву амалии манзуршуда метавонанд барои рушду инкишофи назарияи ҳуқуқи мадани, такмили қонунгузори ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиккуни сароҳатан мусоидат намоянд;

**– ҷори намудани:** манзили истиқомати ба унвони мавзуи шартномаи хариду фурӯш, ки дорои маҷмуи аломатҳои ҳуқуқии аҳаммиятнок буда, хусусияти онро ҳамчун объекти муомилоти мадани муайян мекунад. Он як намуди махсуси молу мулки ғайриманқул – қисми сохтории ҷудогонаи бино (ё тамоми бино) буда, воқеан барои иқомати доимии шахсони воқеи таъйин ва муносиб мебошад;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои дар рафти таҳқиқоти диссертатсиони бадастомада, пешниҳодҳои манзуршуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ба ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Ҳамзамон, ҷамъи онҳо дар тадриси фаннҳои таълимии «ҳуқуқи маданӣ», «ҳуқуқи манзил» ва курси махсуси «ҳуқуқи шартномавӣ» истифода гардад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот барои мақомоти ҳокимияти судӣ, нотариати давлатӣ ва мақомоти бақайдгирандаи молумулки ғайриманқул аз манфиат холӣ нест. Ин дар навбати худ, метавонад сабаби рафъи камбудиҳои муайяни ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа гардад;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои манзуршуда асос меёбад;

**Баён шудани** мафҳуми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки метавонад ҳам дар сатҳи илмиву назариявӣ ва ҳам дар соҳаи амалӣ – ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузорӣ, омода кардани ҳуҷҷатҳои шартномавӣ, ҳамчунин дар ҷараёни ҳалли баҳсҳое, ки аз шартномаи хариду фурӯши манзили истқоматӣ бармеоянд, истифода гардад;

– **мушаххас гардидани** оне ки шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ба таври мустақим бар манфиатҳои молумулкӣ ва манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон таъсир мегузорад, бояд танзими он бо

ҳадафи пешгирӣ аз хатарҳои эҳтимолӣ, ки метавонад боиси талафоти ҷиддии моддӣ гардад, равона карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани механизми самараноки таъмини ҳуқуқии шартнома эҳтимоли зиёде вуҷуд дорад, ки тарафҳо мутаҳамили зиёни ҷиддӣ, аз ҷумла аз даст додани ҳуқуқи моликият ё қисми зиёди дороиҳои молумулкӣ шаванд;

– **омӯхта шуданд:** дар ҷараёни пешбурди таҳқиқоти илмӣ 3 давра мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар давраи аввал мафҳуми «манзили истиқоматӣ» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ, инчунин мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар давраи дуюм, унсурҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ чун мавзуи шартнома, тарафҳо, нарх, шакл, бақайдгирии давлатии шартнома, ҳамзамон вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро баъди хариду фурӯш нигоҳ медоранд ва хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ таҳлил гардидааст. Дар давраи сеюм, мазмун ва масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳо мувофиқи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ баррасӣ шудааст. Дар ин давра оид ба таҳқиқоти илмии анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд;

– **аз нав такмил додани** қонунгузорӣ вобаста ба самтҳои мухталифи танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ва дар робита ба ин ба таври расмӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардидани ҳуқуқу манфиатҳои иштиродорони шартномаи мазкур;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** ба муқарраароти қонунгузории амалкунанда ва мавқеи доктринаи ҳуқуқӣ аломатҳои муҳимме, ки ба ин категория хосанд, равшан карда шавад. Таваҷҷуҳи хосса ба ҷудо намудани мафҳумҳои «манзил» ва «манзили истиқоматӣ» аз манзари таносуби онҳо бар асоси таснифоти робитаи умумӣ равона шудааст, ки имконият фароҳам меояд то вазъи ҳуқуқӣ ва вазифаи функсионалии онҳо дар сохтори муносибатҳои ҳуқуқи манзил дақиқтар муайян карда шавад;

– **муайян карда шуданд,** ки хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалӣ оид ба таҳқиқот, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқоти илмӣ, ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад;

– **офарида шуд, ки:** Ба қисми 2 моддаи 612 КМ ҶТ ба мазмуни зерин илова карда шавад: «фурӯшанда уҳдадор мебошад, ки молу мулки ғайриманқулро дар муҳлати як моҳ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ ба харидор супорад, агар дар шартномаи хариду фурӯш муҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад».

– **муаррифӣ карда шуд, ки:** Дар шароити ба таври васеъ хусусигардонии қисми зиёди фонди манзили давлатӣ ва афзудани босуръати бахши хусусӣ дар

соҳаи сохтмони манзил, мубрамияти танзими ҳуқуқии мадании аҳдҳо бо манзили истиқоматӣ меафзояд. Бо вуҷуди инкишофи мудовими рушди бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши сармоягузории хусусӣ дар ин бахш, танзими феълии шартномавии хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар як қатор мавридҳо номукаммал боқӣ мемонад. Ин ҳам бо мушкилоти меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам набудани таҷрибаи ягонаи судӣ алоқаманд аст, ки баамалбарории принсипҳои ҳуқуқи инсон ва волояти қонунро душвор мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ ва ҷамъбасти амалияи судӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** Танзими самараноки ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ барои дастёбӣ ба як қатор ҳадафҳои муҳим мусоидат мекунад: коҳиш додани таваккал ва зиёнҳо, пешгирии ихтилофҳо ва баҳсҳо, рафъи номуайянии ҳуқуқӣ ва нофаҳмиҳо байни тарафҳо, инчунин таҳкими устувории муомилоти маданӣ.

**– ғоя асоснок шудааст:** Истилоҳи «манзил» ҳам дар ҳуқуқи миллӣ ва ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва ҳамчун қоида як категорияи умумиеро ифода менамояд, ки шаклҳои гуногуни муҳити зисти инсонро дарбар мегирад.

**– муайян шудаанд:** Манзили истиқоматӣ як қисми алоҳида ва инфиродии объекти сохтмони асосӣ (бино ё иншоот) мебошад, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ, техникӣ ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ буда, бо инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ таъмин аст, танҳо барои истиқомати доимии шахсони воқеӣ пешбинӣ шуда, дорои нишонаҳои мувофиқ барои зиндагии бехатару шоиста мебошад, ки дар амалӣ шудани ҳуқуқи конститутсионии инсон ба манзил ва дигар ҳуқуқҳои марбут ба ҳаёти шахсӣ мусоидат менамояд.

**– истифода карда шуданд:** маводҳои амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва шартномаҳои намунавӣ, ки дар мақомоти нотариус истифода мешаванд, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои мақомоте, ки бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба молумулки ғайриманқул ва аҳдҳо вобаста ба онро дар ҳудуди ҷумҳурӣ анҷом медиҳад, ташкил мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот;** саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии фикру ақидаҳо, тавсияҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд,

дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25-уми ноябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Айюбзода Азим Шокир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Аз 15 нафар аъзои Шуро 13 нафар ба таври ҳузурӣ ва 2 нафар ба таври маҷозӣ иштирок Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

25 ноябри соли 2025